# КИТОБ - ГАНҶИНАИ БЕБАҲО ВА ВОСИТАИ АСОСИИ ИНТИҚОЛИ МАЪРИФАТ АЗ НАСЛ БА НАСЛ

Озмунҳо яке аз муҳимтарин василаҳои тарбияи маънавӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошанд. Онҳо на танҳо истеъдод, дониш ва малакаи иштирокчиёнро ошкор мекунанд, балки рӯҳияи рақобати солим, худогоҳӣ ва ҷустуҷӯгариро дар миёни наврасону ҷавонон тақвият мебахшанд. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар як қатор озмунҳои ҷумҳуриявӣ роҳандозӣ шудаанд, ки ҳамасола баргузор мегарданд. Ин ташаббусҳо боис гардидаанд, ки аҳли ҷомеа таваҷҷуҳро ба китобу дониш, эҷодкорӣ ва созандагӣ равона кунад ва ҷавонон барои рушди шахсияти худ талош намоянд. Зубайдов Умар, ҷавони 18-сола ва иштирокчии даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», яке аз ҳамин ҷавононест, ки солҳо худро дар майдони мутолиа санҷидааст. Дар бораи китобдӯстӣ, иштирокаш дар озмун ва моҳияти ин озмун бо ӯ мусоҳибае оростем, ки фишурдаи он пешниҳод мегардад:

– Умар, чӣ завқи Шуморо барои иштирок дар озмун бедор кард?

- Бо дастуру ҳидоятҳои маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо, ҷавонон, имкони иштирок дар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявиро дорем. Худи ман ҳафт сол мешавад дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» иштирок мекунам. Ин озмун шавқу ҳаваси китобхониро дар ман ва дигарон бедор кард. Ман низ хостам, ки худро дар ин озмун санҷам. Ба ғолибият ташнаам. Гарчанде то ҳол мақоми намоёнро соҳиб нашудаам, умедворам, ки дар солҳои минбаъда бо ирода ва талоши пайваста натиҷаи сазоворро хоҳам гирифт. Барои ман, иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ худ як ғолибият аст. Завқи ман аз он ҷо барои иштирок дар озмун бедор шуд, ки хостам дониш ва мутолиаамро бо дигарон бар қиёс гирам.

- Китобро дӯсти беминнати инсон меноманд. Назари Шумо чист?

- Воқеан, китоб ганҷинаи бебаҳо, таҷриба ва ҷаҳонбинӣ мебошад, ки бо забони хаттӣ сабт шудааст. Он воситаи асосии интиқоли маърифат аз насл ба насл буда, барои омӯзиш, рушди фикр, тарбия ва фароғат хизмат мекунад. Китобхон шахсест, ки пайваста мутолиа мекунад, меомӯзад ва донишу андешаҳояшро васеъ мекунад. Ҳар боре ки дар озмун мағлуб мешавам, саъю кӯшиши ман дучанд мегардад. Чун медонам, ки аз мутолиа ҳеҷ гоҳ чизе бой намедиҳам. Баръакс бо китоб, бо ин ганҷинаи бебаҳо боз ҳам наздиктар мешавам.

– Дар ин муддат Шумо чанд китоб мутолиа кардед ва кадом навъи адабиётро бештар мехондед?

- То имрӯз 120 асари насриро мутолиа кардам. Ҳар китобе мехонем, ки бо сабу услуб, тасвири воқеаҳо ба худ дунёе дорад.

– Натиҷаҳои имсоларо чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Албатта, иштирокчиёни сазовори ҷойҳои намоён буданд. Аммо баъзеҳо низ

буданд, ки ҷавобҳои пурра надоданд. Ман фикр мекунам, ки ҳар кас метавонад бо иродаи қавӣ мақоми сазоворро соҳиб шавад.
– Кӣ шавқи Шуморо ба мутолиа бедор намуд?
- Ҳеҷ кас шавқи маро ба мутолиа бедор накард. Балки ин меҳр дар дилам зиёд шуду ман ба китобу мутолиа дил бастам. Иштирок дар озмун ҳам тасмими инфиродиам аст. Ҳамаи ин аз саъю кӯшиши шахсиам буд. Мақсад гузоштаам, ки соҳиби ҷойи сазовор шавам.
– Китоб ва мутолиа имрӯз дар зиндагии шумо чӣ ҷойгоҳ дорад?

- Китоб дар ҳаёти ман нақши муҳим дорад. Ҳоло ҳаётамро бе китоб тасаввур карда наметавонам. Ҳар рӯз, ҳатто агар як саҳифа бошад ҳам, мутолиа мекунам ва ба дигарон низ тавсия медиҳам.
– Оё китоб метавонад тақдири инсонро тағйир диҳад?
- Бале, китоб ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва афкори ӯро таҳким мебахшад. Ҳар китоб мисли хиштест, ки пояи маърифатро мустаҳкам мекунад. Фаҳмиш ва қобилияти суханварӣ тақвият меёбад.
– Оё китобҳое, ки мутолиа кардед, ба ҷаҳонбинии Шумо таъсир расонданд?
- Бешак. Ин эҳсосро худам дарк мекунам, ки назарам ба одаму олам дигар шудааст. Диди ман ба зиндагӣ васеътар шудааст ва воқеиятро мусбат дарк мекунам.
– Ба фикри Шумо, чӣ гуна метавон наврасону ҷавононро ба китобхонӣ ҷалб кард?
- Маҳз чунин озмунҳо ҷавононро ба мутолиа ҷалб мекунанд. Агар шумораи озмунҳо афзоиш ёбад, натоиҷи беҳтар ба даст меояд. Танҳо пайваста мутолиа кардан ва донишро сайқал додан лозим аст.
– Китобҳоро асосан дар куҷо мутолиа кардед ва куҷо дастрас менамоед?
- Дар китобхона ва аз китобхона. Ба дигарон тавсия медиҳам, ки бештар ба китобхона раванд ва истифодаи шабакаҳои иҷтимоиро кам кунанд. Дар китобхонаҳо тамоми адабиёт дастрас аст ва мутолиа кардан дар шароити китобхона беҳтар аст.
– Ба назари Шумо китобҳое, ки мутолиа кардед, оё дар оянда ба Шумо кумак мекунанд?
- Бале, онҳо ба ҳалли мушкилот ва роҳандозии дурусти зиндагӣ кумак мерасонанд.
– Дар оянда чӣ нақшаҳо доред?
- Пеш аз ҳама, мехоҳам дар озмунҳо ҷойи намоёнро соҳиб шавам. Пас, таҳсилро дар зинаи олии касбӣ идома медиҳам ва ният дорам мутахассиси беҳтарин шуда, дар рушди илм саҳмгузор бошам.
– Ба Шумо барору комёбиҳо орзумандем!
– Ташаккур!
Бобоёров Х. – ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳ.

